Ба Шурои диссертатсионии **6D.КОА-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: olimov-1976@mail.ru,

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Намозали Субҳиддин дар мавзуи «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.**

Маълум аст, ки ҳалли масъалаи озуқаворӣ дар шароити ҳозира аҳамияти махсус дорад, зеро он имкониятҳои устувории иҷтимоию иқтисодии мамлакатро амалан муайян мекунад.

Мубрамии мавзуи интихобшудаи кори илмӣ бо он асоснок мешавад, ки аввалан, худи соҳаи парандапарварӣ кам мавриди таҳқиқу таҳлили кори дисератсионӣ гардидааст ва барои ҳамин равшани андохтан ба паҳлуҳои таҳқиқшудаи мавзуи илмӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ зарурӣ ва саривақтӣ махсуб мешавад.

Таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз масъалаҳои калидии мамлакат ва минтақаҳои он дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат, бо нархҳои дастрас ва саноат бо ашёи хоми кишоварзӣ буда, робитаи устуворро миёни молистеҳсолкунандагони соҳа ва молистеъмолкунандагонро барқарор менамояд. Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, Ҳукумати Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ баҳри таъмини амнияти озуқаворӣ ислоҳоти заруриро дар бахши аграрии кишвар роҳандозӣ намудааст. Рушди соҳаи парандапарварӣ низ, яке аз соҳаҳои афзалиятнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он ба шумор рафта, омили асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад.

Аз автореферати диссертатсияи Шарифзода Намозали Субҳиддин бармеояд, ки дар мавзуи интихобшудаи кори диссертатсионӣ соҳаи парандапарварӣ ҳамчун як комплекси мукаммал ва бахши муҳимми бозори кишоварзӣ тавсиф шудааст, ки барои таъмини шаҳрвандони кишвар бо маҳсулоти муҳимтарини озуқаворӣ, ки арзиши баланди ғизоӣ ва парҳезӣ низ доранд - инҳо гӯшти паранда, тухм ва маҳсулоти тухмӣ, мебошад. Мувофиқи ин соҳа барои истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштии паранда, тухм ва маҳсулоти тухмӣ, парвариши зоти паранда масъул аст.

Чи тавре ки дар кор қайд шудааст, хусусияти фарққунандаи ин навъи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба мавсим вобаста набудан ва давраи кӯтоҳи такрористеҳсолкунӣ доштани он мебошад. Инчунин, хусусияти соҳа дар он аст, ки истеҳсолот ба чунин зотҳои гуногуни паранда асос ёфтааст, ки дорои биофунксияҳои фарққунанда, неруи пурқудрати афзоиши босуръат ва маҳсулнокии баланд, қобилияти тухмдиҳӣ, сернаслӣ, тез ба воя расидан ва вазни зинда гирифтан, нигоҳдорӣ ва амсоли он мебошад.

Дониши мукаммали назариявӣ ва таҳлили маводҳои амалӣ ба унвонҷӯ имконият додааст, ки дар автореферат ба таври мухтасар аз нуқтаи назари илмӣ асоснок хулосабарорӣ намуда, таклифу пешниҳодҳои заруриро бо эътимод тавсия намояд.

Дар автореферати такризшаванда ғайр аз ҷанбаҳои муфиди аҳмияти илмию таҳқиқотӣ дошта, нуктаҳои баҳсталаб мушоҳида мегардад, ки ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

-Яке аз самтҳои муҳими рушди парандапарварӣ ин таъмини чараёни маблағгузории онҳо аз тамоми сарчашмаҳои имконпазир ба ҳисоб меравад. Аммо дар таҳқиқот ҷараёни ҷалби сармоягузориҳо ба рушди соҳа кам таҳқиқ шудааст.

- Умуман, гуфтан мумкин аст, ки муаллиф дар иҷрои мақсади гузошташудаи худ муваффақ шудааст, пешниҳоди мо характери тавсиявӣ дошта, ба сифат ва самаранокии рисолаи анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонад.

Маврид ба зикр аст, ки авторферати диссертатсияи Шарифзода Намозали Субҳиддин дар мавзуи «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ихтисоси 08.00.04.02 - иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

Тақриздиҳанда:

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
муовини якум, муовини ректор
оид ба таълими ДДХ
ба номи М.Назаршоев Ғоибназарзода С.М.

Суроға: кӯч. Ш.Шоҳтемур 109, 736000 шаҳри Хоруғ
Тел: 2-45-79; 2-22-48; факс: 2-22-48
E-mail: ksu.khorog@mail.ru
Веб-сайт: www.khogu.tj

Имзои С.М.Ғоибназарзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДХ ба номи М.Назаршоев Н.Саидраҳмонов